# Вахй 2



COMIC BIBLE
SOCIETY

Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2022

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."


«ВА ҲАНГОМЕ КИ Ӯ МӮҲРИ ПАНҶУМРО КУШОД, ДАР ТАГИ ҚУРБОНГОҲ ҶОНҲОИ ОНҲОЕРО ДИДАМ, КИ БАРОИ КАЛОМИ ХУДО ВА ШАҲОДАТ ДАР БОРАИ БАРРА КУШТА ШУДА БУДАНД».
НАТАРСЕД, ШЕР АЗ СИБТИ ЯҲУДО ҒОЛИБ ШУДААСТ, ВА МО АЛЛАКАЙ ҲАМИН РӮЗ БО Ӯ МЕШАВЕМ.
ДАЛЕР БОШЕД, УСТОД РИДЛӢ, ИМРӮЗ БО МАРҲАМАТИ ХУДО МО ДАР АНГЛИЯ ЧУНИН ШАМЪРО ФУРӮЗОН МЕКУНЕМ, КИ ОНРО ХОМӮШ КАРДАН ҒАЙРИИМКОН ХОҲАД БУД.
[1] МӮҲРИ ПАНҶУМ ҚУВВАТ ВА ТАВОНОИИ ДУОҲОИ МУҚАДДАСОНРО, КИ АЗ ХУДОВАНД ИНТИҚОМ ДАРХОСТ МЕКУНАНД, ТАСВИР МЕНАМОЯД.


АЛЛОҲУ АКБАР! ХУДО БУЗУРГ АСТ. МО БА МАСЕҲИЁН РОҲ НАМЕДИҲЕМ, КИ ДАР ИН ШАҲР ЗИНДАГӢ КУНАНД.
ТО БА КАЙ, ЭЙ ФАРМОНРАВО, ҚУДДУС ВА ҲАҚ, ДОВАРӢ НАМЕКУНӢ ВА ҚАСОСИ ХУНИ МОРО АЗ СОКИНОНИ ЗАМИН НАМЕГИРӢ? (1)
ШУМО БОЯД БОЗ КАМЕ ИНТИЗОР ШАВЕД, ТО ДАМЕ КИ БАРОДАРОНАТОН, КИ КУШТА МЕШАВАНД, ИН ШУМОРАРО ПУРРА КУНАНД.
ВАҲӢ 6:9-11




[1] НУҚСОНҲОИ ЗАМИН ДАР ЯК ВАҚТ БА ВАЙРОНШАВӢ САР КАРДА, БОИСИ ЧУНОН ЗАМИНҶУНБӢ ГАРДИД, КИ ПЕШ ҲЕҶ ГОҲ РӮЙ НАДОДА БУД.

[2] ЭҲТИМОЛ, ИН АЗ БОИСИ ОТАШФИШОНИИ ВУЛҚОНҲО БУД, КИ БО ЗАМИНҶУНБИҲО ҲАМРОҲӢ МЕКУНАНД ВА ОН ВАҚТ МИҚДОРИ АЗИМИ ХОКИСТАР ВА ШИКАСТАПОРАҲО БА АТМОСФЕРАИ ЗАМИН ПАРТОФТА МЕШАВАНД. ИН НИЗ ДАР АҲДИ ҚАДИМ ПЕШГӮЙ ШУДА БУД (ЮИЛ 2:31).

[3] АЗ АФТИ КОР, ИН БОРОНИ САХТИ МЕТЕОРИТҲО Ё АСТЕРОИДҲО АСТ, КИ БА ЗАМИН ФУРӮ МЕРЕЗАНД.

[4] СОКИНОНИ ЗАМИН БА ФАҲМИДАНИ ОН САР МЕКУНАНД, КИ ДАР ПАСИ ҲАМАИ ИН ВОҚЕАҲО КӢ ИСТОДААСТ.

[5] МӮҲРИ ШАШУМ САРШАВИИ ВАҚТЕСТ, КИ ПАЙҒАМБАРОН «РӮЗИ ХУДОВАНД» НОМИДААНД. ПАНҶ МӮҲРИ АВВАЛ НАТИҶАИ АМАЛҲОИ ОДАМОН БУДАНД, АММО АКНУН ХУДОВАНД ДАХОЛАТИ БЕВОСИТАРО БА ТАҚДИРИ ҶАҲОН САР МЕКУНАД.


ОФТОБ ЧУН ПАЛОСИ ПАШМИН СИЁҲ ШУД, ВА МОҲ ЧУН ХУН ГАШТ(2); ВА СИТОРАҲОИ ОСМОН БА ЗАМИН АФТОДАНД (3), МОНАНДИ ДАРАХТИ АНҶИРЕ КИ АЗ ШАМОЛИ САХТ ҶУНБИДА, АНҶИРҲОИ ХОМИ ХУДРО МЕПАРТОЯД».
«ОСМОН ЧУН КИТОБИ ЛӮЛАПЕЧ ПЕЧИДА, НОПАДИД ШУД; ВА ҲАР КӮҲ ВА ҶАЗИРА АЗ ҶОИ ХУД ҶУНБИД».
«ҲАМА – ПОДШОҲОН ВА БУЗУРГОН ВА МИРИҲАЗОРОН ВА ДАВЛАТМАНДОН ВА ҚУДРАТМАНДОН ВА ҲАР ҒУЛОМУ ОЗОД ДАР ҒОРҲО ВА ШАХҲОИ КӮҲҲО ПИНҲОН ШУДАНД».


«ВА ПАС АЗ ИН ЧОР ФАРИШТАИ ДАР ЧОР ГӮШАИ ЗАМИН ИСТОДАРО ДИДАМ, КИ ЧОР БОДИ ЗАМИНРО НИГОҲ МЕДОШТАНД, ТО БА ЗАМИН, БА БАҲР ВА БА ҲЕҶ ДАРАХТЕ БОД НАВАЗАД».
«ВА ФАРИШТАИ ДИГАРЕ ДИДАМ, КИ АЗ ҶОНИБИ ОФТОББАРО БОЛО ШУД ВА МӮҲРИ ХУДОИ ЗИНДАРО ДОШТ».
БА ЗАМИН, БА БАҲР, БА ДАРАХТОН ЗАРАРЕ НАРАСОНЕД, ТО ДАМЕ КИ БАР ПЕШОНИИ БАНДАГОНИ ХУДОИ МО МӮҲР ЗАНЕМ».
«АЗ ҲАР ЯКИ ДУВОЗДАҲ СИБТ ХУДО 12 000 КАСРО, КИ ДАР ДАВОМИ ИН МУДДАТ БА Ӯ ХИЗМАТ МЕКАРДАНД, ИНТИХОБ НАМУД ВА МӮҲР ЗАД». [1]
[1] ИНҲО АВВАЛИН ЯҲУДИЁНИ БОЗХАРИДШУДА МЕБОШАНД, ҲАНГОМЕ КИ ИСРОИЛ НИҲОЯТ ХАЛҚИ ШАҲОДАТДИҲАНДА БУДАНРО САР МЕКУНАД, ЧУНОН КИ ХУДО ДАР ЗАМОНҲОИ АҲДИ ҚАДИМ ӮРО БА ОН ДАЪВАТ КАРДА БУД.
ИН 144 000 БАШОРАТДИҲАНДАГОНИ ЯҲУДӢ ЛАШКАРИ БУЗУРГЕ ШУДАНД, КИ ХУДОВАНД ОНҲОРО МАҲФУЗ МЕДОРАД, ТО КИ ОНҲО ИНҶИЛРО БА ТАМОМИ ҶАҲОН, ҲАМ БА ЯҲУДИЁН ВА ҲАМ БА ҒАЙРИЯҲУДИЁН РАСОНАНД.


«ПАС АЗ ИН НИГОҲ КАРДАМ, ВА ИНАК, МАРДУМИ БИСЁР, КИ ОНҲОРО ҲЕҶ КАС БА ШУМОР ОВАРДА НАМЕТАВОНИСТ».
«ДАР ОН ҶО ОДАМОН АЗ ҲАМАИ ХАЛҚҲО ВА ҚАБИЛАҲО ВА ҚАВМҲО ВА ЗАБОНҲО БУДАНД. [1] АКНУН ОНҲО ДАР ПЕШИ ТАХТ ВА ДАР ПЕШИ БАРРА ИСТОДА БУДАНД».
НАҶОТ АЗ ОНИ ХУДОИ МО, КИ БАР ТАХТ НИШАСТААСТ, ВА АЗ ОНИ БАРРА АСТ!
[1] АГАРЧИ ОН ЗАМОНИ МАҲКУМИЯТИ БУЗУРГ МЕШАВАД, ОН ҲАМЧУНИН ЗАМОНИ НАҶОТИ БУЗУРГ МЕШАВАД БАРОИ БИСЁР КАСОНЕ КИ ДАР ИН ДАВРАИ МУСИБАТИ БУЗУРГ ИМОН МЕОВАРАНД.


ОМИН!


ОМИН!
СИТОИШ ВА ҶАЛОЛ ВА ҲИКМАТ ВА СИПОС ВА ИЗЗАТ ВА ҚУДРАТ ВА ҚУВВАТ ТО АБАД АЗ ОНИ ХУДОИ МО БОД!

ВАҲЙ 7:11-12


ИН САФЕДПӮШОН КИСТАНД, ВА АЗ КУҶО ОМАДААНД?
ЭЙ ХОҶАИ МАН, ТУ МЕДОНӢ.
ИНҲО КАСОНЕ ҲАСТАНД, КИ АЗ АЗОБИ САХТ ОМАДААНД. [1] ИНҲО ЛИБОСИ ХУДРО ШУСТА, БО ХУНИ БАРРА САФЕД КАРДААНД. [2]
БИНОБАР ИН РӮЗУ ШАБ БА Ӯ ИБОДАТ МЕКУНАНД... ВА ТАХТНИШИН ХАЙМАИ ХУДРО БАР ОНҲО БАРПО МЕКУНАД.
«ОНҲО ДИГАР ГУРУСНА... ВА ТАШНА НАМЕМОНАНД... , ВА ОНҲОРО ОФТОБ ВА ҲЕҶ ГАРМО НАМЕСӮЗОНАД».
«ВА ХУДО ҲАР АШКРО АЗ ЧАШМОНАШОН ПОК МЕКУНАД».
[1] ҲАНГОМИ ДАВРАИ ҲАФТСОЛАИ МУСИБАТ БИСЁР КАСОН НАҶОТ МЕЁБАНД, РИЁЗАТКАШ МЕШАВАНД ВА БА ОСМОНҲО МЕРАВАНД.
[2] ОНҲО ЛИБОСҲОИ САФЕД ДАР БАР ДОДАНД – МАСЕҲ ОНҲОРО АЗ ГУНОҲҲОЯШОН ПОК КАРДААСТ.


«ВА ҲАНГОМЕ КИ Ӯ МӮҲРИ ҲАФТУМРО КУШОД, ДАР ОСМОН ТАҚРИБАН НИМ СОАТ ХОМӮШӢ ҲУКМФАРМО ШУД». (1)
«ВА ҲАФТ ФАРИШТАРО ДИДАМ, КИ ДАР ПЕШИ ХУДО ИСТОДААНД, ВА БА ОНҲО ҲАФТ КАРНАЙ ДОДА ШУД».
«ВА БА ФАРИШТАИ ДИГАРЕ БУХУРИ БИСЁРЕ ДОДА ШУД, ТО ОНРО БО ДУОҲОИ ҲАМАИ МУҚАДДАСОН ПЕШИ ТАХТИ ХУДО ТАҚДИМ КУНАД».
«ВА ФАРИШТА БУХУРДОНРО ГИРИФТА, АЗ ОТАШИ ҚУРБОНГОҲ ПУР КАРД, ВА БАР ЗАМИН ПАРТОФТ – ВА САДОҲО ВА ТУНДАРҲО ВА ЧАРОҒАКҲО ВА ЗАМИНҶУНБӢ РӮЙ ДОДАНД».
«СИПАС ОН ҲАФТ ФАРИШТАЕ КИ ҲАФТ КАРНАЙ ДОШТАНД, БА НАВОХТАН ТАЙЁР ШУДАНД».
(1) САБАБИ ИН ХОМӮШӢ – ҲИССИ ПЕШАКӢ ВА ТАРСИ ЭҲТИРОМОНА АЗ ДАРКИ ВОҚЕИЯТИ ДАҲШАТОВАРИ ДОВАРӢ АСТ, КИ ПАРВАРДИГОР БАР ЗАМИН ФУРӮ РЕХТАНӢ АСТ».


«ҲАНГОМЕ КИ ФАРИШТАИ ЯКУМ КАРНАЙ НАВОХТ, ЖОЛА ВА ОТАШ ОМЕХТА БО ХУН БА ВУҶУД ОМАД».
[1] ИНҲО ОТАШФИШОНИҲОИ ВУЛҚОНҲО ДАР НАТИҶАИ ЗАМИНҶУНБИҲО БУДА МЕТАВОНИСТАНД. БУҒ ВА ОБ, КИ АЗ БОИСИ ИН ОТАШФИШОНИҲО БЕРУН МЕОЯНД, БА ЖОЛА ДАР ОМЕХТАГӢ БО ЛАВАИ СӮХТАИСТОДА ТАБДИЛ ЁФТА МЕТАВОНИСТАНД. МОЕЪҲОИ ИФЛОС ВА ГАЗҲОЕ КИ БА ОН ҲАМРОҲӢ МЕКУНАНД, ТОБИШИ СУРХ ПАЙДО КАРДА МЕТАВОНИСТАНД.


«ОТАШ ЧУНОН САХТ БУД, КИ СЕЯКИ ЗАМИН СӮХТ». (1)
«СЕЯКИ ДАРАХТОН СӮХТ, ВА ТАМОМИ АЛАФИ САБЗ СӮХТ».
ВАҲЙ 8:7


СИПАС АЗ ТАХТИ ХУДО БАЛОИ СЕЮМ ФИРИСТОДА ШУД.
«ҲАНГОМЕ КИ КАРНАЙИ ФАРИШТАИ ДУЮМ САДО ДОД, ЧИЗЕ МОНАНДИ КӮҲИ БУЗУРГИ АФРӮХТА БА БАҲР ПАРТОФТА ШУД». [1]
«ФАРИШТАИ СЕЮМ КАРНАЙ НАВОХТ, ВА АЗ ОСМОН СИТОРАИ БУЗУРГЕ АФТОД, КИ МОНАНДИ МАШЪАЛ ФУРӮЗОН БУД. [1] ОН БАР СЕЯКИ ДАРЁҲО ВА БАР ЧАШМАҲОИ ОБ АФТОД».
[2] ШОЯД ИН АЗ БОИСИ МЕТЕОРИТ Ё МАДДҲОИ СУРХ БУД, КИ ОН ҶО МИКРООРГАНИЗМҲОИ МУРДА ОБРО ЗАҲРОЛУД МЕКУНАНД, – Ё, ШОЯД, ҲАТТО ХУН БУД – АМАЛИ БЕВОСИТАИ ДОВАРИИ ХУДО.
[3] ИМКОНИЯТИ БЕШТАР ДОРАД, КИ МЕТЕОРИТИ АЗИМ ЧУНОН МАВҶИ АЗИМЕРО БА ВУҶУД ОВАРД, КИ СЕЯКИ КИШТИҲОРО НОБУД КАРД.


«ВА СЕЯКИ БАҲР БА ХУН ТАБДИЛ ЁФТ, ВА СЕЯКИ ОФАРИДАҲОИ ЗИНДАИ БАҲР МУРДАНД [2] ВА СЕЯКИ КИШТИҲО НОБУД ШУДАНД. [3]
ВАҲЙ 8:8-9


«ФАРИШТАИ СЕЮМ КАРНАЙ НАВОХТ, ВА АЗ ОСМОН СИТОРАИ БУЗУРГЕ АФТОД, КИ МОНАНДИ МАШЪАЛ ФУРӮЗОН БУД. (1) ОН БАР СЕЯКИ ДАРЁҲО ВА БАР ЧАШМАҲОИ ОБ АФТОД».
«ВА НОМИ ИН СИТОРА “ЯВШОН” БУД; ВА СЕЯКИ ОБҲО БА ЯВШОН ТАБДИЛ ЁФТ, ВА БИСЁРЕ АЗ ОДАМОН АЗ ОБҲО, КИ ТАЛХ ШУДА БУДАНД, МУРДАНД».
(1) ДИГАР ҶИРМИ ОСМОНӢ БАР ЗАМИН ПОШ МЕХӮРАД ВА ОБҲОРО ТАЛХ МЕГАРДОНАД. АЗ ТАСВИРИ «МОНАНДИ МАШЪАЛ ФУРӮЗОН БУД» ИН КОМЕТАИ КАЛОНЕ БУДА МЕТАВОНАД, КИ БА ЗАМИН БАРХӮРД.



ВАҲЙ 8:10-11




(1) БИСЁР ИЛОҲИЁТШИНОСОН БОВАРӢ ДОРАНД, КИ ТОРИК ШУДАНИ СЕЯКИ ҶИРМҲОИ ОСМОНӢ ИНЪИКОСИ ОН АСТ, КИ СЕЯКИ ФАРИШТАҲО АЗ ОСМОН БО ШАЙТОН АФТОДАНД.


«ВА СЕЯКИ РӮЗ, ВА ҲАМЧУНИН СЕЯКИ ШАБ, РАВШАН НАБУД». (1)
ВОЙ, ВОЙ, ВОЙ БАР ҲОЛИ СОКИНОНИ ЗАМИН АЗ САДОҲОИ ДИГАРИ КАРНАЙҲОИ СЕ ФАРИШТА, КИ НАВОХТАНӢ ҲАСТАНД!

ВАҲӢ 8:12-13




[1] ОДАТАН ҲАЁТИ МАЛАХ ТАҚРИБАН ПАНҶ МОҲ ДАВОМ МЕКУНАД, ВА БА ИН МАЛАХИ ДЕВМОНАНД НИЗ ҲАМИН ҚАДАР ВАҚТ ҶУДО КАРДА ШУДААСТ.

[2] БАРОИ ҚАТЪ НАМУДАНИ АЗОБҲО МАРГРО ҶУСТА, ОДАМОН ОШКОР МЕКУНАНД, КИ КӮШИШҲОИ ХУДКУШӢ БО НОКОМӢ МЕАНҶОМАНД.


БА АЛАФ, ВА БА САБЗА, ВА БА ДАРАХТОН ЗАРАР НАРАСОНЕД. ТАНҲО БА ОДАМОНЕ КИ БАР ПЕШОНИИ ХУД МӮҲРИ ХУДОРО НАДОРАНД, ЗАРАР РАСОНДА МЕТАВОНЕД.
ШУМО НАБОЯД ОНҲОРО КУШЕД – БА ШУМО ИХТИЁР ДОДА ШУДААСТ, КИ ОНҲОРО ФАҚАТ ПАНҶ МОҲ АЗОБ ДИҲЕД. (1)
МАРО НАҶОТ ДИҲЕД – ИН ДАРД ТОҚАТНОПАЗИР АСТ!
ИМКОН ДИҲЕД БИМИРАМ... ИМКОН ДИҲЕД БИМИРАМ!
ВАҲЙ 9:1-21


«НАМУДИ ОН МАЛАХҲО ЧУН АСПҲОЕ БУД, КИ БАРОИ ҶАНГ ОРОСТА ШУДА БОШАНД... РУХСОРҲОШОН ЧУН РУХСОРҲОИ ОДАМОН... ДАНДОНҲОШОН ЧУН ДАНДОНҲОИ ШЕР БУДАНД...»
«САДОИ БОЛҲОШОН ЧУН САДОИ АСПҲО ВА АРОБАҲОИ БИСЁРЕ БУД, КИ БА ҶАНГ МЕРАВАНД».
«ОНҲО ПОДШОҲЕ ДОШТАНД, КИ АБАДДӮН НОМ ДОШТ, ЯЪНЕ ФАРИШТАИ ЧУҚУРИИ БЕТАГ». [1]
[1] ЧУНОН КИ ФАРИШТАҲО ИЕРАРХИЯ ДОРАНД, ДЕВҲО НИЗ ИЕРАРХИЯ ДОРАНД. ИН ФАРИШТАИ ЧУҚУРИИ БЕТАГ – ЯКЕ АЗ САРВАРОНИ АСОСИИ ШАЙТОН АСТ, ШОЯД, ИН ҲАТТО ХУДИ ШАЙТОН БОШАД.


«ЯК “ВОЙ” ГУЗАШТ; ИНАК, АЗ ҚАФОИ ОН БОЗ ДУ “ВОЙ” МЕОЯНД».
ВАҲЙ 9:7-23


(1) ДАРЁИ ФУРОТ ЯКЕ АЗ ЧОР ДАРЁ ДАР БОҒИ АДАН БУД. АЗ ЗАМОНИ СОХТМОНИ БУРҶИ БОБИЛ ДАР ИН МИНТАҚА БИСЁР ДИНҲОИ БУТПАРАСТОНАИ ҶАҲОН ПАЙДО ШУДААНД.
ТАВЗЕҲ: ОДАТАН ХУДО ДАР ҚУРБОНГОҲ БА ДУОҲОИ ХАЛҚИ ХУД ОИД БА МАРҲАМАТ ҶАВОБ МЕДОД – АММО АКНУН ҚУРБОНГОҲ БА КАСОНЕ КИ ХОҲОНИ ҚАСОС ҲАСТАНД, ҶАВОБ ХОҲАД ГУФТ.


«ЧОР ФАРИШТА ОЗОД ГАРДИДАНД, КИ БАРОИ СОАТ ВА РӮЗ ВА МОҲ ВА СОЛИ МУАЙЯН ТАЙЁР ШУДА БУДАНД, ТО СЕЯКИ ОДАМОНРО КУШАНД».
ЧОР ФАРИШТАРО, КИ ДАР НАЗДИ ДАРЁИ БУЗУРГИ ФУРОТ БАСТА ШУДААНД, ОЗОД НАМО. (1)
ВАҲЙ 9:13-


«МАН ШУМОРАИ ЛАШКАРИ САВОРАРО ШУНИДАМ: ОН САДҲО МИЛЛИОН БУД». [1]
МОДАРАМ МАРО БА ХОНИШИ КИТОБИ МУҚАДДАС ВОДОР КАРДАНӢ МЕШУД – ОГОҲ МЕКАРД, КИ ҲАМАИ ИН РӮЙ МЕДИҲАД. ЧАРО МАН БА Ӯ ГӮШ НАДОДАМ! ИН АЗ ОН КИ МАН ТАСАВВУР КАРДА МЕТАВОНИСТАМ, ХЕЛЕ БАДТАР АСТ.
ХУДОЁ, БА МАНИ ГУНОҲКОР РАҲМ НАМО.
СЕЯКИ ОДАМОН БО СЕ БАЛО КУШТА ШУДАНД – БО ОТАШ, ДУД ВА КИБРИТ, КИ АЗ ДАҲОНҲОИ ОНҲО МЕБАРОМАДАНД.
[1] ЛАШКАРИ ОЗОДШУДАИ ДЕВҲО, КИ БАРОИ КУШТАНИ СЕЯКИ ОДАМОНИ БОҚИМОНДА МЕОЯД.


«БО ВУҶУДИ ИН, ОДАМОНЕ КИ АЗ ИН БАЛОҲО КУШТА НАШУДАНД, АЗ АМАЛҲОИ ХУД ТАВБА НАКАРДАНД».
«ОНҲО ПАРАСТИШИ ДЕВҲО ВА БУТҲОИ ТИЛЛО, НУҚРА, МИС, САНГ ВА ЧӮБРО, КИ БА ДИДАН, ШУНИДАН ВА РОҲ РАФТАН ҚОДИР НЕСТАНД, ДАВОМ ДОДАНД».
«ОНҲО АЗ ОДАМКУШИҲО, ҶОДУГАРИҲО, ФОСИҚӢ...
«...ВА ДУЗДИҲОИ ХУД ТАВБА НАКАРДАНД».
GIRL
GIRL
GIRL
GIRLS
LIVE
XXX
ВАҲЙ 9:16-21




[1] ҲАҚИҚАТИ НИҲОНЕ КИ БА ВОСИТАИ МАСЕҲ ВА ҲАВВОРИЁНИ Ӯ ОШКОР ШУДААСТ, ДАР АҲДИ ҶАДИД СИРР НОМИДА ШУДААСТ. ИН СИРР ДАР АНҶОМЁБИИ НИҲОИИ ТАМОМИ МАВҶУДОТ ЗОҲИР МЕШАВАД, ҲАНГОМЕ КИ ХУДОИ ТАВОНО ГУНОҲКОРОНИ ИСЁНКОРРО НОБУД МЕКУНАД ВА ПОДШОҲИИ РОСТКОРОНАИ ХУДРО БАР ЗАМИН БАРПО МЕНАМОЯД.



ВАҲЙ 10:1-7


РАВ ВА ЛӮЛАПЕЧИ КУШОДАРО АЗ ДАСТИ ФАРИШТА ГИР.
ОЁ МУМКИН АСТ ЛӮЛАПЕЧИ ДАР ДАСТАТ БУДАРО ГИРАМ?
ОНРО ГИР ВА ХӮР; ОН ШИКАМАТРО ТАЛХ МЕКУНАД, АММО ДАР ДАҲОНАТ МОНАНДИ АСАЛ ШИРИН МЕШАВАД. [1]
ТУ БОЗ ДАР БОРАИ ҚАВМҲО ВА ХАЛҚҲО ВА ЗАБОНҲО ВА ПОДШОҲОНИ БИСЁР БОЯД ПАЙҒАМБАРӢ КУНӢ.
[1] АКСУЛАМАЛИ ҶИСМОНИИ ЮҲАННО БА ХӮРДАНИ ЛӮЛАПЕЧ БОЯД ҲАМЧУНИН ҶАВОБИ ШАХСИ ИМОНДОРРО БА ДОВАРИИ ХУДО, ИНТИЗОРИИ ШИРИНИ ҶАЛОЛИ ХУДО, ВА ДАР АЙНИ ҲОЛ ТАЛХИРО АЗ МУШОҲИДАИ ҒАЗАБИ ХУДО, КИ БАР ГУНОҲКОРОН ФУРӮ РЕХТААСТ, ИНЪИКОС НАМОЯД.



ВАҲЙ 10:8-11




[1] ПАРАСТИШГОҲ ДАР УРШАЛИМ БАРҚАРОР КАРДА МЕШАВАД, ВА ИН ЧЕН КАРДАН МАЪНОИ МОЛИКИЯТИ ХУДО БУДАНРО ДОРАД.

[2] ЗИДДИМАСЕҲ ВА ҚУВВАҲОИ Ӯ УРШАЛИМ ВА МАЪБАДРО ЗАБТ МЕКУНАНД. ЯҲУДИЁНИ ЗИНДАМОНДАРО ХУДО ДАР БИЁБОН ПИНҲОН МЕКУНАД (ВАҲЙ 12:6, 14)


«АГАР КАСЕ ОНҲОРО ОЗОР ДОДАН ХОҲАД, АЗ ДАҲОНАШОН ОТАШ БАРОМАДА, ДУШМАНОНИ ОНҲОРО МЕХӮРАД».
«ҲАР КӢ ОНҲОРО ОЗОР ДОДАН ХОҲАД, ҲАМИН ТАВР КУШТА МЕШАВАД».


«ОНҲО ҚУДРАТ ДОРАНД ОСМОНРО БАНДАНД, ТО ДАР РӮЗҲОИ ПАЙҒАМБАРИАШОН БОРОН НАБОРАД; ВА ОБҲОРО БА ХУН ТАБДИЛ ДИҲАНД, ВА ЗАМИНРО БА ҲАР ГУНА БАЛО ГИРИФТОР КУНАНД». [1]
[1] ЯКЧАНД МУШОҲИДАҲО ИМКОН МЕДИҲАНД ТАХМИН НАМОЕМ, КИ ИН ДУ ПАЙҒАМБАР – МУСО ВА ИЛЁС МЕБОШАНД.
1. ОНҲО ЗАМИНРО БА БАЛОҲО ГИРИФТОР МЕКУНАНД, ЧУН МУСО, ВА ЧУН ИЛЁС, КИ БО ДУОИ Ӯ ХУДО АЗ ОСМОН ОТАШ ФУРӮ МЕРЕХТ.
2. МУСО ВА ИЛЁС ҲАР ДУ ҲАНГОМИ ДИГАРГУНШАВИИ ИСО ҲУЗУР ДОШТАНД.
3. ҲАР ДУИ ОНҲО БАРОИ ДАЪВАТ БА ТАВБА ЧОРАҲОИ ФАВҚУЛОДДАРО ИСТИФОДА БУРДАНД.
4. ДАР РИВОЯТҲОИ ЯҲУДИЁН ГУФТА ШУДААСТ, КИ ҲАР ДУИ ОНҲО ДАР ОЯНДА БАРМЕГАРДАНД.
5. ХУШКСОЛӢ 3,5 СОЛ ДАВОМ КАРД – ЧУН ХУШКСОЛИЕ КИ БО ДУОИ ИЛЁС БАР ИСРОИЛ ОМАДА БУД.
6. ИЛЁС БА ОСМОНҲО ГИРИФТА ШУД, ВА ПАРВАРДИГОР ҶАСАДИ МУСОРО ДАР ОН ҶОЕ ДАФН КАРД, КИ ҲЕҶ КАС ОНРО НАЁБАД.





**SUPERBIBLE.TV**